ПРОТОКОЛИ № 159
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-016

аз «17» январи соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар.

Раиси шуро: Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №14/шд, тасдиқ шуда, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026, №3/шд фаъолияти шурои диссертатсионӣ ба Таснифоти ихтисосхои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ Шарифов З.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, котиби илмии шуро Олимов А.Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ва аъзои шурои диссертатсионӣ Насиров Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Қудратов Р.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Раҷабов Р.К. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Насиров Раҳимбек;

– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Пиризода Ҷалил Сафар;

– номзади илмҳои иқтисодӣ Элмуродов Хуршед Зоирҷонович.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.